*Ба ҳуқуқи дастнавис*

**БОБОҶОНОВА МУТРИБА СУЛТОНОВНА**

# РИОЯИ МЕЪЁРҲОИ ЭТИКАИ КАСБӢ ДАР МАТБУОТИ ДАВРИИ ВИЛОЯТӢ

(дар мисоли нашрияҳои вилояти Суғд)

**АВТОРЕФЕРАТИ**

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии
номзади илмҳои филология аз рӯйи
ихтисоси 10.01.10 – Журналистика

**Душанбе – 2018**

Кори диссертатсионӣ дар кафедраи журналистика ва назарияи тарҷумаи МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" ба анҷом расидааст.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои филология, муовини Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон
**Бобоҷонова Ранохон Маҳмудовна**

**Муқарризони расмӣ:** **Муллоев Шариф Боқиевич -** доктори илмҳои филология, дотсент, мудири кафедраи ВАО-и чопӣ ва PR –и муассисаи таълимии байнидавлатии маълумоти олии «Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон»

**Раҳимҷонов Хушдилҷон Умарқулович -** номзади илми филология, муовини сармуҳаррири рӯзномаи "Баҳори Аҷам"

**Муассисаи пешбар:** Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Ҳимояи диссертатсия «21» феврали соли 2018, соати $13^{30}$ дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, шаҳраки Буни Ҳисорак, 10) баргузор мегардад.

Бо муҳтавои диссертатсия тавассути сомонаи www.tnu.tj ва дар китобхонаи марказии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо нишонии 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17 шинос шудан мумкин аст.

Автореферат рӯзи «___» _____ соли 2018 фиристода шуд.

**Котиби илмии**
**Шӯрои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои филология** **Гулназарова Ж.**

## ТАВСИФИ УМУМИИ КОР

**Аҳамияти мавзӯи таҳқиқот:** Омӯзиш, таҳқиқ ва баррасии масъалаҳои этикаи касбӣ ва меъёрҳои ахлоқӣ яке аз мавзӯъҳои муҳими назария ва амалияи журналистикаи муосир маҳсуб меёбад. Риояи этикаи касбӣ дар фаъолияти журналист барои ташаккули сатҳу сифати касбият аҳамияти махсус дорад. Аз тарафи дигар, дар замони муосир бо назардошти раванди босуръати ҷаҳонишавӣ ва муассир гардидани нақши иттилоот дар ҳама соҳаҳои ҳаёти ҷомеа зарурати таҳқиқу таҳлили ин масъаларо боз ҳам бештар намудааст.

Омӯзиши масъалаҳои марбут ба риояи меъёрҳои этикаи касбии журналистӣ дар матбуоти вилоятӣ барои муайян намудани мавқеи касбии он нақши муҳим дорад. Матбуоти ноҳиявию вилоятии Тоҷикистон, аз ҷумла, нашрияҳои “Ҳақиқати Суғд”, “Согдийская правда”, “Тирози ҷаҳон”, “Сухани халқ”, “Саломат бошед”, “Вароруд”, “Суғд”, “Ҳамсояҳо”, “Нилуфар” ва ғайра дар замони Истиқлолияти давлатии кишвар, на танҳо аз ҷиҳати теъдод ва шакл тағйир ёфта густариш пайдо кард, балки аз назари мазмун ва мундариҷа, тарзи гузориш ва интихоби мавзӯъ, равишҳои баррасӣ, таҳлилу бознамоии масъала, инъикоси проблемаҳои асосӣ, усулҳои дарҷи мавод бо дарназардошти таҷдиди махсусияти жанрӣ, таҳқиқи публитсистиву арзишдиҳии мухталиф ба таҳаввулоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ гардида, дар рушди журналистикаи вилоятӣ ва дар маҷмӯъ, умумикишварӣ заминаи мусоид фароҳам овард. Дар баробари ин, падидаҳои номатлубе низ дар фаъолияти матбуоти минтақавӣ ба мушоҳида мерасад. Баъзе шахсон матбуотро минбаре, василае барои қасос, ҷазодиҳӣ ва интиқом мешиносанд. То кадом андоза журналистон вазифаи касбии худ – таъмини ҳуқуқи шаҳрвандон бо иттилоъро иҷро мекунанд, айният ва беғаразӣ дар маводи журналистӣ риоя мегардад, манфиати умум ба назар гирифта мешавад, аз номгӯйи нопурраи масоилест, ки пешорӯйи муҳаққиқон қарор доранд. Бо назардошти ҳамин гуна масъалаҳо, таҳқиқи масъалаҳои этикӣ дар омӯзишу муайян намудани тамоюлу падидаҳои журналистика муҳим мебошад. Рӯй овардан ба омӯзиш ва таҳқиқи илмии масъалаҳои этикӣ дар журналистикаи кишвар аз ҳадафҳои зарурӣ ва саривақтӣ буда, барои муайян ва ҳал намудани нуктаҳои норавшану баҳсангез таъсири бевосита хоҳад расонд.

**Дараҷаи омӯзиши мавзӯъ:** Роҷеъ ба таҳқиқ ва омӯзиши масъалаҳои этикаи касбӣ муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ изҳори назар кардаанд. Мутолиа ва омӯзиши осори илмӣ, илмиву оммавӣ ва мақолоти марбут ба соҳаи журналистика собит менамояд, ки

мавзӯи мазкур дар илми журналистикаи тоҷик то ҳол аз самтҳои камтаҳқиқшуда мебошад.

Муҳаққиқони рус дар ин замина ба таълифи рисолаҳои илмӣ, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои методиву илмӣ даст зада, ба натиҷаҳои хуб расидаанд. Аз ҷумла, Е. П. Прохоров, В. В. Ворошилов, С. Г. Корконосенко бештар ба таҳқиқи ҷанбаҳои назарии мавзӯи мазкур машғул гардида, ба таври умумӣ этикаи касбиро ҳамчун қисми таркибӣ ва муҳими фаъолияти журналистӣ асоснок кардаанд. Гурӯҳи дигари муҳаққиқони журналистика чун Р. Г. Бухарсев, В. А. Казакова, В. М. Теплюк, Д. С. Авраамов, Г. В. Лазутина, С. А. Муратов, М. И. Шостак кӯшиш намудаанд, ки асосҳои илмии этикаи касбиро собит намоянд. Олимони мавриди назар бар он ақидаанд, ки этика ҳамчун илм объект ва предмети омӯзишро дорад ва зарур аст, ки он эътироф ва мавриди таҳқиқ қарор гирад.

Дар ин замина хидмати Д.С. Авраамов назаррас аст. Мавсуф дар китоби "Профессиональная этика журналиста"[1], нахустин маротиба этикаи касбии журналистро аз назари илмӣ тасниф ва ба низоми таҳқиқ даровардааст. Дар ин асар этикаи касбӣ ҳамчун маҷмӯаи талаботи ҷомеа аз журналист муаррифӣ мегардад.

Мавзӯи мазкур дар таҳқиқоти В. В. Семенова ҷойгоҳи хос дорад. Мавсуф ин мавзӯъро ба пажӯҳиши диссертатсионӣ кашида, доир ба масъалаҳои фаҳмиши этика ва этикаи журналистӣ дар Дания маълумот дода, заминаҳои ҷамъиятӣ-таърихии пайдоиши ВАО-и муосири Данияро нишон додааст.

Олимони тоҷик низ ба масъалаҳои этикаи касбӣ таваҷҷуҳ намудаанд. Аз ҷумла, муҳаққиқ И. Усмонов дар асарҳои «Одоби сухан» [17], «Журналистика" (қисми 1) [19], «Назарияи публитсистика» [16], "Журналистика" (қисми 3) [20], доир ба риояи одоби сухан, донистани ҳуқуқ ва эҳсоси масъулияти рӯзноманигорӣ изҳори назар намудааст. Ӯ, ҳамчунин, дар "Шарҳи "Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон" [18] зарурати қабули ин ҳуҷҷатро таъкид сохта, ҳар яке аз бандҳои онро тафсир кардааст.

Муҳаққиқон А. Саъдуллоев, М. Муродов, С. Гулов, М. Муқимов, Д. Давронов, Б. Қутбиддин ва Б. Камолиддинов низ дар осори таълимӣ ва илмии худ перомуни ин мавзӯъ изҳори назар кардаанд.

Боиси таъкид аст, ки масъалаи муносибат бо меъёрҳои ахлоқи касбӣ дар алоқамандӣ бо меъёрҳои ҳуқуқӣ зуҳур мекунад. Дар ин масъала маҷмӯаи мақолаҳои Қ. Шарифзода, ки таҳти унвони "Мушкилоти озодии сухан" [21] ба нашр расидааст, маълумоти муфид медиҳад.

Доир ба масъалаи шарҳу тафсири меъёрҳои ахлоқӣ ва этикаи касбӣ бархе аз мутахассисони соҳаи журналистика низ машғул гардидаанд, ки дастури И. Иноятов ва Н. Қаршибоев "Тафсири меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон" [6] намунаи он ба шумор меравад. Ин дастур бо мақсади фаҳмиши ягонаи риояи меъёрҳо аз ҷониби журналистон ва ба хотири рушди озодии баён таҳия шудааст.

Диссертатсияи Х. Раҳимҷонов «Меъёрҳои ахлоқӣ ҳамчун механизми худтанзимнамоӣ дар ҷомеаи журналистии Тоҷикистон» [13] ва монографияҳои ӯ "Этические нормы: теория и практика применения в таджикской журналистике"[12],"Меъёрҳои этикаи касбӣ дар журналистикаи тоҷик" [14], фарогири муҳимтарин самтҳои мавзӯи мазкур аст. Дар он нақши санади Шӯрои ВАО-и Тоҷикистон "Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон" дар риояи меъёрҳои этикаи касбии журналистӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст. Ҳамчунин, муқоисаи ин санади дохилӣ бо гунаҳои байналмилалӣ ва кишварҳои алоҳида анҷом ёфта, нақши журналистикаи тоҷик дар самти эҳтироми арзишҳои умумибашарӣ ва миллӣ таҳқиқ гардидааст.

Бо вуҷуди ин, ҳанӯз риояи меъёрҳо ва принсипҳои этикаи касбӣ дар расонаҳои вилоятӣ ва маҳаллии кишвар мавриди баррасии илмӣ қарор нагирифтааст.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ.** Мақсади асосии тадқиқи мавзӯъ муайян намудани дараҷаи риояи этикаи касбӣ дар матбуоти даврии вилояти Суғд, нишон додани риояи меъёрҳои ахлоқӣ ва принсипҳои этикаи касбӣ мебошад. Барои расидан ба ин ҳадаф ва баррасии паҳлуҳои мавзӯи тадқиқшаванда, ба ҳалли вазифаҳои зерин кӯшидем:

- муайян кардани унсурҳои меъёрҳои ахлоқии касбӣ дар матбуоти даврӣ то давраи Истиқлолияти давлатӣ;
- таҳқиқ ва нишон додани омилҳои зуҳур ва пазироии меъёрҳои ахлоқи касбии журналистӣ дар Тоҷикистон;
- таҳқиқ ва арзёбии қабули аввалин санади идоравӣ доир ба меъёрҳои ахлоқии рафтор дар фаъолияти касбии рӯзноманигорони матбуоти вилоятӣ;
- шинохти назарӣ ва баррасии дараҷаи риояи меъёрҳои мазкур дар матбуоти гуногунтипи вилояти Суғд;
- баррасии масъалаҳои этикаи касбӣ ва сатҳи риояи он ҳангоми муносибати ҳокимияти давлатӣ бо матбуоти даврии расмӣ;
- эҳтироми ҳаёти шахсӣ ва муайян намудани риояи меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ ҳангоми нашри мавод.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот.** Навгонии диссертатсияи мазкур дар журналистикаи ватанӣ дар он ифода мегардад, ки дар он аввалин маротиба тадқиқи масъалаҳои риояи меъёрҳои этикаи касбии журналист дар матбуоти маҳалливу минтақавӣ дар мисоли фаъолияти нашрияҳои расмии "Ҳақиқати Суғд", "Согдийская правда", "Тирози ҷаҳон" нашрияҳои ғайриҳукуматии "Саломат бошед", "Вароруд", "Суғд", "Ҳамсояҳо", "Нилуфар" ва нашрияи ҳизбии "Сухани халқ" сурат гирифта, хусусиятҳои умумӣ ва хоси ин нашрияҳо дар самти риояи меъёрҳои этикаи касбӣ нишон дода шудааст.

**Манбаъҳои таҳқиқот** нашрияҳои "Ҳақиқати Суғд", "Согдийская правда", "Тирози ҷаҳон", "Сухани халқ", "Саломат бошед", "Вароруд", "Суғд", "Ҳамсояҳо", "Нилуфар" мебошанд. Ҳамчунин, ҳангоми таҳлилу баррасӣ баъзе маводи нашрияҳои дигар, санадҳои этикӣ, қонунгузорӣ, маъмурӣ ва маълумотҳои алоқаманд ба мавзӯъ низ мавриди истифода қарор гирифтаанд.

**Мавзӯи таҳқиқ:** Муайян намудани сатҳи риояи меъёрҳо ва принсипҳои этикаи касбӣ дар маводи матбуоти даврии вилояти Суғд. Ҳангоми таълифи диссертатсия таҳлилҳо ва арзёбиҳои қиёсии матлаби рӯзномаҳо ба миён омад, ки дар ин замина аз маводи нашрияҳои мавриди назар истифода гардид.

**Методологияи таҳқиқот.** Диссертатсия дар заминаи усулҳои таҳлилӣ - муқоисавӣ ва бо истифода аз равиши омориву формалистӣ, таҳлили контентӣ ва анъанавӣ навишта шуда, дар он таҷрибаи таҳқиқи олимони ватаниву хориҷӣ ба кор гирифта шудааст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Зимни таҳқиқ ба осори арзишманди илмиву таълимӣ ва методии муҳаққиқон, чун Д. С. Авраамов, Г. В. Лазутина, С. А. Муратов, М. И. Шостак, В. М. Теплюк, Е. П. Прохоров, В. В. Семенова, Б. Камолиддинов, А. Нуралиев, А. Саъдуллоев, И. Усмонов, А. Азимов, М. Муродов, Н. Солеҳов, М. Абдуллоев, М. Муқимов, Ш. Муллоев, Р. Furthermore Бобоҷонова, С. Гулов ва дигарон такя намудем ва ин осор дар омӯзишу таҳқиқи мавзӯи мазкур ҳамчун роҳнамо хидмат карданд.

**Арзиши назарӣ ва амалии таҳқиқот.** Воситаҳои ахбори омма бидуни риояи меъёрҳои ахлоқи касбӣ, бо сарфи назар намудани хусусиятҳои менталитети мардум, арзишҳои хоси ҷомеа наметавонанд муваффақ бошанд. Риояи меъёрҳои ахлоқи касбии журналист дар ВАО омили муайян ва мушаххаскунандаи комёбӣ ва камбудӣ дар фаъолияти он аст. Таҳқиқоти мазкур бо пайгирии мавзӯъ ҳамин заруратро собит ва таъкид месозад. Ин таҳқиқот

метавонад ҷанбаҳои назарии журналистикаро пурра гардонида, ба ҳайси адабиёти илмӣ барои таҳқиқотҳои минбаъда доир ба масъалаи зикршуда мавриди истифода қарор гирад. Диссертатсия барои дарсҳои Этикаи касбии журналист, Асосҳои фаъолияти эҷодии журналист, Таърихи журналистикаи тоҷик, хондани курси махсуси омӯзишӣ мавод медиҳад. Дар заминаи он таълифи китоби дарсӣ ва дастури таълимӣ низ имконпазир аст. Диссертатсияи мазкур барои журналистони матбуот ҳамчун роҳнамо дар раванди фаъолияти касбӣ хизмат расонида метавонад

**Хронологияи таҳқиқот** солҳои 2000 – 2016-ро дар бар мегирад. Асос баррасии маводи 16 соли матбуоти даврии вилояти Суғд дар қиёс ба фаъолияти ду давраи ин типи матбуот: то қабули Кодекси ахлоқи касбӣ (2000-2009) ва баъд аз қабули кодекс (2010-2016) аст. Ба усули муқоиса баррасӣ намудани ин ду давра имкон медиҳад, ки сатҳи риояи этикаи касбиро таносубан муайян намоем.

**Нуқоти асосие, ки ба дифоъ пешниҳод мешавад:**

- матбуоти даврии вилояти Суғд дар замони истиқлолият дар фазои иттилоотии кишвар нақши намоён дорад. Заминаҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва касбӣ бо зуҳур ва ташаккули меъёрҳои этикаи рӯзноманигорӣ дар баланд бардоштани савияи донишҳои ахлоқи касбӣ ва беҳтар гаштани сифати маводи ВАО заминаи муосид фароҳам овард;

- дар баробари фароҳам омадани шароити мусоиди сиёсиву ҳуқуқӣ ва дар ин замина пайдо шудани воситаҳои ахбори оммаи гуногун, хоса нашрияҳои даврӣ зарурати пазироии меъёрҳои этикаи касбии журналистиро ба вуҷуд овард, ки омилҳои зуҳури он дар диссертатсия мавриди тадқиқ қарор гирифтааст;

- оҷонсии иттилоотии “Вароруд” аввалин расонаи иттилоотии кишвар аст, ки ҳанӯз соли 2003 “Қоидаҳо ва меъёрҳои ахлоқии рафтор дар фаъолияти касбии рӯзноманигори ОИТ “Вароруд”-ро қабул намуд, ки ин кӯшиши дар қолаби муайян ба танзим даровардани фаъолияти одоби касбии кормандони оҷонсӣ, нашрияҳои “Вароруд” ва “Ҳамсояҳо” буд;

- қабули “Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон” барои баланд бардоштани маданияти касбии журналистӣ ва фаъолияти воситаҳои ахбори омма дар мавриди риояи меъёрҳо ва принсипҳои ахлоқи касбӣ нақши муассир мебозад;

- муносибат ва ҳамкории ҳокимияти давлатӣ бо нашрияҳои расмии давлатӣ ва риояи меъёрҳои этикаи касбӣ дар мавриди ба танзим даровардани мубодилоти иттилоотӣ нақши муҳим дорад;

- риояи этикаи касбӣ ҳангоми инъикоси ҳаёти шахсӣ аз ҳассостарин масоили фаъолияти ҳамарӯзаи журналист ва воситаҳои ахбори омма ба ҳисоб меравад.

**Татбиқи натиҷаҳои илмии диссертатсия.** Моҳияти асосии диссертатсия дар 13 мақола, аз ҷумла, 3 мақолаи дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА ФР ва КОА ҶТ нашргардида, ифода ёфтааст. Доир ба мавзӯи тадқиқот муаллиф дар конференсияҳои донишгоҳиву ҷумҳуриявӣ, аз ҷумла, дар конференсияҳои ҳамасолаи илмии ҳайати профессорону омӯзгорони МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" (солҳои 2013-2017), конференсияҳои илмиву амалии анъанавии олимони ҷавони вилояти Суғд (солҳои 2013-2017), конференсияҳои ҷумҳуриявии "ВЭА ва арзишҳои миллӣ" (24 ноябри соли 2014, ДМТ), "Ҷойгоҳи расонаҳои хориҷӣ дар ташаккули фазои иттилоотии Тоҷикистон" (21 – 22 ноябри соли 2016, ДМТ), "Нақши ВАО дар таҳкими ваҳдати миллӣ" (18 ноябри соли 2017, Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа) ва конференсияи байналхалқии "Нақши расонаҳо дар ҳамгироии кишварҳои Осиёи Марказӣ" (22-23 майи соли 2016, ДМТ) маърӯзаҳо хондааст. Маводи таҳқиқ тавассути курси "Одоби рӯзноманигорӣ" ба раванди таълим дохил карда шудааст.

Диссертатсия дар маҷлиси кафедраи журналистика ва назарияи тарҷумаи МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд бо номи академик Бобоҷон Ғафуров" (20 сентябри соли 2017, суратмаҷлиси №2) ва ҷаласаи муштараки кафедраҳои матбуот, телевизион ва радиошунавонӣ, журналистикаи байналхалқии Донишгоҳи милиии Тоҷикистон (30 июни соли 2018, суратмаҷлиси № 9) муҳокима ва барои ҳимоя пешниҳод шудааст

**Сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб чаҳор фасл ва хулосаву феҳристи адабиёт таркиб ёфтааст.

## МАЗМУНИ АСОСИИ ТАДҚИҚОТ

Дар муқаддима моҳияти мавзӯъ асоснок, дараҷаи омӯзиши он баррасӣ ва ҳадафу вазифаҳои тадқиқот муайян гардидааст. Ҳамчунин, асосҳои назарӣ ва методи тадқиқ, арзиши назарӣ ва амалии рисола мушаххасан ташреҳ шудааст.

Боби аввали диссертатсия **"Заминаҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва касбии ташаккули меъёрҳои этикаи журналистӣ"** унвон дошта, аз ду фасл иборат аст.

Дар фасли якум **"Аносири меъёрҳои этикаи касбии журналистӣ дар матбуоти даврии то Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон"** унсурҳои меъёрҳои этикаи касбии журналистӣ дар давраи муайяни таърихӣ, яъне, то Истиқлолияти давлатӣ (давраи шӯравӣ) баррасӣ

гардидааст. Бо роҳи муқоисаи принсипҳои этикии касбии ин ду давраи матбуоти тоҷик метавон моҳияту аҳамияти риояи меъёрҳои этикаи касбии матбуоти ҷомеаи демократиро ба таври сареҳ таҳлил намуд.

Ҷомеаи шӯравӣ бо меъёрҳои ахлоқи коммунистӣ ба тамоми соҳаҳо, аз ҷумла, журналистика таъсиргузор буд. Дар ин ҷомеа журналистика фишанги идеологӣ маҳсуб меёфт ва журналистикаи тоҷик низ чун қисми таркибии журналистикаи шӯравӣ дар татбиқи идеологияи коммунистӣ нақш дошт. Принсипҳои алоҳидае мавҷуд буданд, ки баҳри фаъолияти муътамад масъалаҳои ҷудогонаи этикиро дар фаъолияти журналистӣ чун ҷузъи фаъолияти ҳизбӣ баррасӣ мекарданд, ки журналистикаи тоҷик низ аз рӯи ин принсипҳо фаъолият дошт. Ин принсипҳо мухтасар дар шакли зайл аст: ҳизбият, халқият, демократизм, оммавият, интернатсионализм, ватанпарварӣ, инсондӯстӣ, ҳақиқатнигорӣ ва сареҳият. Ҳар яке аз ин принсипҳо манфиатҳои синфиро ифода мекард, ки барои ҳар як журналист ва дар маҷмӯъ, журналистикаи шӯравӣ имконият ва зарурияти инъикоси муътамади воқеаро пешбинӣ менамуд. Журналистикаи шӯравӣ дар тамоми давраи мавҷудияти худ талош дошт, ки дар сафи пеши мубориза барои сохтмони ҷомеаи коммунистӣ бошад. Он фишанги муҳими дастгоҳи идеологияи ҷомеаи коммунистӣ маҳсуб ёфта, зери назорати қатъии сензураи давлатӣ қарор дошт. Аз ин рӯ, тамоми маводи дар воситаҳои ахбори омма инъикосшаванда аз назорати сензор мегузашт.

Аксари журналистони замони шӯравии тоҷик узви ҳизби коммунист буда, вазифаи касбии худро дар кори ташвиқу тарғиби ғояҳои ҳизбӣ ва тарзи солими ҳаёти сотсиалистӣ медиданд. Меъёри ҳизбии журналистикаи замони коммунистӣ ифодаву арзиши олӣ маҳсуб меёфт. Идеологияи шӯравӣ кори журналистро дар татбиқи идеяҳои худ муҳим медонист, хосатан, дар вазъи мубориззаи тезутунди идеологӣ пуштибонӣ ва пайравӣ намудани журналист ба принсипҳои ҳизби коммунистӣ моҳиятан зарур буд. Муносибат ба ҳодисаҳои сиёсӣ ва иҷтимоии чи дохилӣ ва чи хориҷӣ аз мавқеи ҳизбӣ муайян мегардид. Сиёсати иттилоотии нашрияҳо дар ин замина матраҳ ва таҳия гашта, риоя накардани ин принсип дур шудани равияи сиёсии нашрия аз дастурҳои ҳизб дониста мешуд. Меъёри дигари муҳими журналистика халқият буда, дар он нақши журналистика ҳамчун ифодакунандаи манфиати халқ муаррифӣ мегардид. Ин ҷост, ки сиёсати ҳизби коммунистӣ – сиёсати дигаргунсозии ҳамаи соҳаҳои ҷамъияти шӯравӣ, ривоҷи демократикунонии аз тарафи тамоми халқи шӯравӣ дастгирёфта баромад мекард. Ба андешаи Нуралиев А., Саъдуллоев А., Усмонов

И. Гулмуродов У., меъёри халқият тарафҳои назарию амалии журналистикаро низ инкишоф дода, барои мунтазам татбиқ кардани принсипҳои интернатсионализми пролетарӣ, ватанпарварии шӯравӣ шароит фароҳам оварда метавонад [11, 7].

Дар замони шӯравӣ матбуот, дар маҷмӯъ, ВАО ба “дастёри ҳизб” табдил ёфт ва ҳатто қисми таркибии низоми маъмурӣ-роҳбарикунанда гардид. Чунин муносибати олудаи идеологияи коммунистӣ боиси он гашт, ки даҳсолаҳо рӯзноманигорон побанди ин мафкура гардида, ба рушди журналистика монеъ шудаанд. Дар ин давра меъёрҳои ҳизбӣ кори васоити ахбори оммаро танзим ва масъулияти иҷтимоиву касбии журналистро иваз мекард. То миёнаҳои соли 1990 ғайр аз меъёрҳои ҳизбӣ ягон асноди ҳуқуқие мавҷуд набуд, ки фаъолияти ВАО-ро ба танзим дарорад.

Ҳадафгузорӣ ба самти ошкорбаёнӣ ва гуногунии афкор, ки соли 1985 самти нави сиёсии роҳбарияти ИҶШС гардид, барои журналистика баргардонидани симо ва ҳуқуқҳои худ буд. Тибқи қонунгузорӣ матбуот аз фишори идеологияи коммунистӣ озод ва озодии сухан, озодии баён, на танҳо эълон, балки ба таври қонунӣ заминагузорӣ шуд, аммо маҳз ҳамин озодӣ барои камолоти касбию ахлоқии рӯзноманигорони мо имтиҳони аввалини ҷиддӣ гардид. Маълум шуд, ки дар ин ҷода мо аз ҳамкорони хориҷии худ хеле қафо мондаем. Ҳолатҳое ба вуҷуд меомаданд, ки журналистон аз доираи ахлоқие, ки фазои озоди эҷодӣ бо он муайян мешавад, берун мебаромаданд. Озодии сухан дар аксари маврид ба худсарии рӯзноманигорон – як шакли рафтори касбӣ дар матн ё дар муоширати касбӣ мубаддал шуд, ки он на бо меъёрҳои ахлоқ, на бо манфиатҳои ҷомеа мувофиқат намекард, ба ҷуз “мехоҳам”-и шахсӣ. Ба андешаи публитсист Икромов Б. оғози солҳои 90-ум матбуоти Тоҷикистон дар ҳудуди ҷамоҳири собиқ шӯравӣ аз ҳама демократӣ буд, аммо аксари журналистон бо вайрон кардани меъёрҳои ахлоқӣ иштирокчии бевоситаи муҳорибаҳои сиёсӣ гардиданд [5,131]. Ба симои журналист сатҳи баланди ахлоқӣ, садоқати беандоза ба қарзи касбӣ ва эҳсоси баланди масъулияти хос аст. Инро дар ҳолатҳои сершумор ҳангоми фаъолияти ҳамкорони хориҷӣ дар ҳолатҳои фавқулода (табаддулоти 1991 сол, ҳодисаҳои хунини ҷанги шаҳрвандии таҳмилӣ, ҳодисаҳои мусаллаҳонаи водии Рашт, шаҳри Хоруғ ва ғ.) мушоҳида кардан мумкин буд. Бо назардошти ин ҳолат метавонем, таъкид намоем, ки эҳтимол, чунин вайронкунии меъёрҳои ахлоқӣ сабабу решаҳои нисбатан амиқтар дошта бошанд.

Дар замони муосир ба ҷомеаи ҷаҳонии журналистӣ тамоюли намоён ба назар мерасад. Барои он журналистоне, ки сатҳи касбию ахлоқии хеле баланд доранд, пайгирии меъёрҳои этикаи касбӣ

аҳамияти хоси инфиродӣ пайдо мекунад. Талаботи медиабозор ба он мусоидат намуд, ки воситаҳои ахбори омма бештар имкониятҳои фаъолияти мустақил пайдо намоянд. Зарурати аз ҷониби ҳокимияти давлатӣ дастгирии бевоситаи моддиву молиявии ВАО аз байн рафт. Новобаста ба ин, ВАО куллан ҳамчун ифодакунандаи фаъолияти мақомотҳои давлатӣ боқӣ мемонд.

Қайд кардан зарур аст, ки дар риояи меъёрҳо журналистон воситаи таҳкими имиҷи касбӣ ва шахсӣ, мавқеи иҷтимоӣ ва иқтисодии худро дар доираи бо кодекс муқарраршуда диданд ва ҳоло вайронкунии меъёрҳои ахлоқ дар давраи рушди Тоҷикистони соҳибистиқлол бо зарари калони моддӣ ва маънавӣ таҳдид мекунад.

Бо назардошти муҳимияти масъала журналистони тоҷик баъди муҳокимаву баррасиҳои тӯлонӣ, аз ҷумла, созмонҳои журналистии Тоҷикистон, Ассотсиатсияи миллии воситаҳои ахбори оммаи мустақили Тоҷикистон барои қабули кодекси этикаи касбӣ талош доштанд. Созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла, Созмони Милали Муттаҳид ва Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо дар таъсис ва корҳои ташкилии ин сохтор мусоидат намуданд. 14-уми майи соли 2009 бо дастгирии бевоситаи Дафтари САҲА дар Тоҷикистон «Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон» ҳамчун санади ихтисосии умумимиллӣ тайёр ва барои баррасӣ ба журналистони кишвар пешниҳод шуд. 30-юми октябри соли 2009 дар Конференсияи ҷумҳуриявии журналистони Тоҷикистон санади муҳими худтанзимкунӣ – "Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон", ки аз 17 банд иборат аст, қабул шуд. Мақсад аз қабули "Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон", пеш аз ҳама, баланд бардоштани масъулияти журналистон дар ҷомеа ва сатҳи ВАО мебошад. Дар пешгуфтори ин санад омадааст, ки «Ҷомеаи журналистони Тоҷикистон озодии суханро асоси фаъолияти худ қарор дода, масъулияти бовиҷдонона амалӣ гардидани онро дарк намуда, ин меъёрҳои касбӣ ва ахлоқии воситаҳои ахбори омма (ВАО) ва журналистонро эълом ва қабул медоранд. Ҳеҷ яке аз ин меъёрҳо мақсади маҳдуд кардани озодии суханро надорад»[15]. Воқеан, меъёрҳои этикӣ хилофи санадҳои ҳуқуқӣ дар мавриди ҳуқуқ ба озодии сухан ва озодии матбуот бароmад карда наметавонад. Озодии сухан ва озодии матбуот меъёрҳои ҳуқуқи конститутсионӣ маҳсуб меёбанд. Профессор И. Усмонов дар ин хусус чунин қайд мекунад: «Меъёрҳои одоби журналистӣ аз ҷониби аксарияти журналистони Тоҷикистон ба таври фардӣ ё коллективӣ пазируфта шудаанд ва мақсади татбиқи онҳо беҳтар кардани сирати нашрия аст" [18, 8].

Таҷрибаи ҷаҳонӣ собит мекунад, ки кодекс ва тартиби худтанзимкунии журналистон аксар чун амали ҷавобӣ ба таҳдидҳои қабули маҳдудиятҳои қонунӣ қабул гардидаанд. Дар Тоҷикистон дарки ворид намудани меъёрҳои ахлоқӣ чун сохтори нави сензура ва танзимкунандаи нави давлатӣ мушоҳида мешуд ва ин боиси зиддиятҳои тезутунди тӯлонии ВАО – этика ва пайдо шудани ҳарифони ба меъёрдарории фаъолияти журналистӣ гардид. Дар натиҷа санад бо номи "Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон" қабул гардид, ки дар шароити дигаргунсозиҳои ҷомеаи демократӣ моҳиятан риоя намудани меъёрҳои ахлоқӣ аз ҷониби журналистон ба амнияти фаъолияти касбӣ ва ба таври бояд иҷро намудани рисолати ВАО мусоидат менамояд.

Дар фасли дуюми боби аввал **«Ташаккули меъёрҳои этикаи касбӣ ва риояи онҳо дар матбуоти даврии замони истиқлол»,** масъалаи танзими меъёрии фаъолияти касбии журналист, масъулияти ӯ дар таълифи мавод ва ба самъи ҷомеа расонидани он баррасӣ гардидааст. Ба вуҷуд омадани низоми масъулияти иҷтимоӣ боиси тавлиди силсилаи кодексҳои журналистикаи муосир гардид. Иттиҳодияҳо ва федератсияҳои журналистон кодексҳои алоҳидаро таҳия карданд, ки тибқи онҳо журналистон бояд ҳангоми фаъолият истифода кунанд. Дар матбуоти вилоятии Тоҷикистон, аз ҷумла, вилояти Суғд дар самти мазкур кори пурмаҳсул амалӣ шудааст. 11-уми марти соли 2003 дар оҷонсии иттилоотӣ-таҳлилии "Вароруд" дастури идоравии "Қоидаҳо ва меъёрҳои рафтори этикӣ дар фаъолияти касбии журналисти ОИТ "Вароруд", иборат аз 14 банд қабул гардид. Дар ҳуҷҷати мазкур ҳангоми гирифтани маълумот танҳо бо роҳҳои қонунӣ, роҳ надодан ба плагиат, дахолатнопазирӣ ва эҳтироми ҳаёти шахсӣ, гирифтани маълумот аз манбаъҳои боэътимод, риояи тавозуни афкор ва масъалаҳои дигари ахлоқии фаъолияти журналистӣ ба меъёр даровarda шудаанд.

Таърихи начандон тӯлонии ташаккули худтанзимкунии фаъолият дар ВАО-и Тоҷикистон нишон медиҳад, ки пас аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ зарурати қабули Кодекси ахлоқии фаъолияти журналистӣ ба миён омад. Пас аз муҳокимаҳои тӯлонӣ дар сатҳҳои гуногун: ҷаласаҳо, мизҳои мудаввар, конференсияҳои ватанӣ ва байналмилалӣ 30-юми октябри соли 2009 кодекси зикршуда қабул гардид. Дар "Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон" принсипҳои асосӣ - воқеънигорӣ, ростқавлӣ, адолат, гуногунандешӣ, эҳтироми ҳуқуқи инсон, ҳифзи

шаъну шарафи шахсият, беғаразӣ, роҳ надодан ба табъиз, ҷудо будани эҷодиёт аз тиҷорат ва реклама, ислоҳи хато, роҳ надодан ба плагиат, усулҳои қонунии ҷамъоварии иттилоот ва арзишҳои дигари ахлоқӣ, ки риояи онҳо ба фаъолияти пурмаҳсул ва муваффақи журналист мусоидат мекунанд, тарҳрезӣ шуданд. Дар хусуси мундариҷаи ҳуҷҷати зикршуда қайд кардан зарур аст, ки баъзе аз меъёрҳои қабулшуда тарҳрезии аниқ доранд, бархе аз меъёрҳои этикӣ мушаххасиро тақозо мекунанд. Масалан, дар банди аввали “Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон” - ҳақиқатнигорӣ, воқеиятнигорӣ, адолат, гуногунандешӣ ва эҳтироми ҳуқуқи инсон ва бо ин усул обрӯ ва эътибори матбуотро ҳифз кардани онҳо арҷгузорӣ шудаанд. Омӯзиши маводи давраи таҳлилии нашрияҳои мавриди назар нишон дод, ки аз 85 то 90 дарсади мавод инъикоси воқеият, иттилои саҳеҳ ва фарогир бо далоилу арқом мебошад, зеро ин мавод бо такя ба маълумоти расмӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дар натиҷаи санҷишҳои идоравӣ ба даст омадааст. Бо иттилои саҳеҳ таъмин будан эътимоди аудиторияро ба ВАО афзун мегардонад, ки дар навбати худ ин риояи талаботи банди аввали меъёрҳои ахлоқи касбӣ маҳсуб меёбад.

Дар ин фасл аз ҷониби диссертант ҳабдаҳ банди “Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон” оид ба масъалаи риояи онҳо бо овардани намунаҳои мушаххас аз матбуоти даврии вилояти Суғд - «Хақиқати Суғд», «Варорӯд», «Сухани халқ», «Ҳамсояҳо», «Нилуфар», «Саломат бошед» баррасӣ гардидаанд. Омӯзишу таҳлили маводи нашрияҳои мазкур нишон дод, ки талаботи меъёр ва принсипҳои ахлоқи касбӣ, асосан, риоя карда мешавад. Аз миқдори умумии маводи таҳқиқшуда дар чоряки он риоя нашудани меъёрҳои этикаи касбӣ ба назар мерасад. Миқдори маводе, ки риоя нашудани меъёр ва принсипҳои этикаи касбӣ дар онҳо ба назар мерасад, тамоюли зиёдшавӣ дорад. Агар соли 2014 дар нашрияҳои мавриди назар 149 ҳолати риоя нашудани меъёрҳои этикӣ мушоҳида шавад, дар соли 2015 ба 163 ҳолат расидааст, ки ин 14 ҳолат зиёд аст.

Боби дуюми диссертатсия **«Таҳлили муқоисавии риояи меъёрҳои этикаи касбӣ дар нашрияҳои даврии вилояти Суғд»** номгузорӣ шуда, дар он ду масъала - муносибати ҳокимияти давлатӣ бо нашрияҳои расмӣ ва риояи этикаи касбӣ дар ҷараёни инъикоси ҳаёти шахсони алоҳида дар нашрияҳои ғайриҳукуматӣ муфассал тадқиқ шудааст. Ин боб низ аз ду фасл иборат буда, дар бахши аввал **«Муносибати ҳокимияти давлатӣ бо нашрияҳои расмӣ ва риояи меъёрҳои этикаи касбӣ»** масъалаи ҳамкории воситаи

ахбори омма бо мақомоти давлатӣ, ки яке аз самтҳои муҳими фаъолияти журналистӣ барои ба даст овардани иттилоот маҳсуб меёбад, мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор гирифтааст.

Мақсади асосии ҳамкории мақомоти давлатӣ бо ВАО дар пешниҳоди фаврии маҷмӯи иттилооти зарурӣ барои аудитория аст. Баробари ташаккули ВАО ниҳоди хадамоти матбуотӣ таъсис ва густариш ёфт. Хадамоти матбуотӣ сарчашмаи иттилооти расмӣ буда, бахшест, ки бо мақсади ҳамкории мақомот бо ВАО ва ҷомеа таъсис шудааст. Айни замон дар Тоҷикистон аксари вазорату мақомот хадамоти матбуотӣ доранд. Вазифаи аввалиндараҷаи он ҳамдастӣ ба журналистон мебошад.

Имрӯз бо назардошти ҷаҳонишавии иттилоот мақоми хадамоти иттилоотии давлатӣ дар мавриди ҳамкорӣ бо ВАО, хосатан, нашрияҳои расмӣ баланд гардидааст. Дар шароити муосир мақомоти давлатӣ дар пешниҳоди иттилооти мувофиқкардашуда ба ВАО ва дастрасӣ доштани журналистон ба маводи расмӣ ҳавасманд мебошанд. Хадамоти матбуотӣ на танҳо ба ВАО мавод пешниҳод мекунад, ҳамчунин, мубодилоти иттилоотиро низ барқарор месозад. Вазифаи иттилоотонӣ, аз ҷумла, барои мақомоти давлатӣ ва идорӣ пурра қонеъ гардонидани талаботи иттилоотии ҷомеа дар ҳамаи соҳаҳои фаъолияти он, беҳтар намудани сатҳи зиндагии аҳолӣ, баланд бардоштани сифатнокии истеҳсолот, беҳтар намудани ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ ва ғайра муқаррар карда шудааст.

Дар суханронии худ ба муносибати таҷлили ҷашни 100 - солагии матбуоти тоҷик (10-уми марти соли 2012) Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон таъкид кард, ки мақомоти давлатӣ / ҳукуматиро зарур аст, ки бо воситаҳои ахбори омма ҳамкории созанда (конструктивӣ) барқарор намоянд. Дар самти барқарор намудани чунин ҳамкорӣ корҳои зиёд ба анҷом расида бошад ҳам, аммо мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки ин ҳамкорӣ ҳанӯз мутобиқ ба талаботи рӯзмарраи ҷомеаи муосир набуда, иттилоот ба маҳсулоти асосии рушди ҷомеа табдил наёфтааст.

Яке аз муҳимтарин василаҳои иртиботи муштарак, ки дар пешрафт ва густариши ҳамкориҳо миёни мақомоти давлатӣ ва ВАО ба назар мерасад, интиқоли дуҷонибаи маводи иттилоотӣ мебошад. Албатта, дар ин маврид мақомоти давлатӣ ҳамчун ниҳоди интиқолкунандаи иттилоот пазируфта мешавад ва бештар натиҷаи корҳои муфиди худро дар қолаби иттилоот пешниҳод менамояд. ВАО дар ин маврид вазифаи қабул ва баррасиву муаррифгари иттилооти ба даст омадаро иҷро мекунад, ки албатта, инъикоси ҷанбаҳои муфид ва мусбати иттилоот ба ҳадафҳо, манфиатҳо ва тарзу шеваҳои касбии журналистон вобастагӣ дорад. Нуктаи муҳим

он аст, ки иртиботи солими дуҷониба миёни мақомоти давлатӣ ва ВАО ҳамеша бар манфиати тарафайн анҷом мепазирад. Чунин сурат гирифтани муносибат табиист, ки ба риояи меъёрҳои касбӣ ва ахлоқӣ заминаи мусоид фароҳам меорад. Барои воситаҳои ахбори омма ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ дар мавриди пешниҳоди маводи расмӣ муҳим аст, зеро ин ҳамкорӣ барои ВАО аз ду ҷиҳат: а) афзудани эътимоди аудитория ба ВАО; б) танҳо ба зиммаи ВАО набудани масъулияти саҳеҳияти факту далели мавод манфиат дорад.

Бо назардошти ин, дар вилояти Суғд дуруст ба роҳ мондани ҳамкории байни журналист ва манбаи расмии давлатӣ (ҳукуматӣ) аз ҷумлаи проблемаҳои аввалиндараҷаи этикаи журналистӣ ба ҳисоб меравад.

Омӯзиши маводи як зумра воситаҳои ахбори оммаи минтақавӣ нишон дод, ки аз 50 то 60 %-и онҳо хусусияти расмӣ доранд, зеро аз ҷониби мақомоти давлатӣ пешниҳод шудаанд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки идораи ВАО ба маводи расмӣ таваҷҷуҳи бештар дорад. Ин аз як ҷиҳат хуб аст, хоса дар ҳолате, ки на ҳама вақт мақомоти расмӣ майл ба ҳамкорӣ ба ВАО доранд. Бештар такя ба маводи расмӣ кардани ВАО боз аз он ҷиҳат ба манфиат аст, ки мақомоти расмӣ манбаи боваринок буда, маълумотҳои он нисбатан саҳеҳ аст. Ин имкон медиҳад, ки аудитория бо маводи муътамад таъмин бошад, ки бо чунин мавод таъмин будани истеъмолкундаи иттилоот мутобиқ ба талаботи этикаи касбӣ аст.

Дастрасии иттилоот ва омодагии сохторҳои давлатӣ ба ҳамкорӣ ва пешниҳоди маълумоти саривақтӣ ва мубрам дар аксарияти ҳолатҳо ҷой дорад, аммо ҳолатҳои вайронкунии ҳуқуқи журналистон ба дастрасии маълумот низ мушоҳида мешаванд. Тибқи мониторинги АМВАОМТ дар 2008 сол 15 ҳолат, дар соли 2014 зиёда аз 10 ҳолати вайронкунии ҳуқуқи журналистон дар дастрасӣ ба иттилоот ба қайд гирифта шуданд [9].

Дар фасли мазкур якчанд ҳолати ҳуқуқии дастрасӣ ба иттилоот аз ҷониби кормандони ҳифзи ҳуқуқи сатҳи минтақавӣ тавсиф шуданд. Инчунин, омили омодагии нокифояи ҳуқуқӣ, мавҷуд набудани дониши одӣ нисбат ба масъалаҳои баррасишаванда дар намояндагони матбуот баррасӣ шудааст, ки дар сатҳи ҳамкории мақомоти давлатӣ ва ВАО таъсири манфӣ мегузорад. Набудани дониши одии ҳуқуқии намояндагони ВАО ва роҳбарият барои таҳияи маводи аз ҷиҳати ҳуқуқӣ каммояву безамина сабаб мегардад. Инчунин, сатҳи пасти дониши филологии кормандони ВАО боиси дар сарлавҳаи мақолаҳо ва гузоришҳо вайрон шудани меъёрҳои ахлоқи касбӣ гардидааст.

Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вокуниши шахсони мансабдор ба маводи таҳлилӣ, танқидии васоити ахбори омма» роҳбарони мақомоти мухталифро вазифадор мекунад, ки ба ҳар як маводи танқидии матбуот, новобаста аз шакли моликияташон сари вақт тадбир андешанд ва аз натиҷааш ба нашрияҳо ва шабакаҳои телевизиону радио вокуниш пешниҳод кунанд.

Бояд қайд кард, ки ин фармон новобаста ба аҳамияти масъалаи вокуниш ба танқиди ВАО ба таври зарурӣ татбиқи амалии худро наёфтааст. Таҳқиқ муайян намуд, ки ба 40 гузориш ва мақолаи танқидии "Ҳақиқати Суғд", ки дар даҳ моҳи соли 2011 ба табъ расидаанд, аз ҷониби 17 сохтори дахлдори вилоятӣ, мақомоти иҷроияи вилоятӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру навоҳӣ, роҳбарони ташкилоту муассисаҳои танқидшуда вокуниш ба амал наомадааст.

Аз рӯи гуногунии жанрӣ аксари маводи чопии аз мақомотҳои давлатӣ, хоса, хадамоти матбуоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (сайт prezident tj.) ва хадамоти матбуотии Раиси вилояти Суғд гирифташуда, дар жанри репортаж ва ҳисобот таҳия шудааст. Инчунин шакл ва мавзӯоти маводи расмии аз мақомоти ҳифзи ҳуқуқ гирифта шуда баррасӣ шудаанд, ки ба шакл ва услуби ҳафтанома мувофиқат намекунад ва дар онҳо маърифати ҳуқуқии хонанда сарфи назар шудааст. Тадқиқ нишон дод, ки ҳафтаномаи "Ҳақиқати Суғд" бо раёсати Кумитаи амнияти миллӣ дар вилояти Суғд, раёсати Вазорати корҳои дохилаи ҶТ дар вилояти Суғд, прокуратураи вилояти Суғд вобаста ба масъалаи зикршуда ҳамкории самарабахшро ба роҳ мондааст. Яке аз мавзӯъҳои серистифодаи нашрияҳо ҷинояткорӣ аст, ки он аз сатҳи ҳамкорӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ сурат мегирад. Дар навбати худ барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҷиҳати пешгирии ҷинояткорӣ ҳамкорӣ бо ВАО ба манфиат аст.

Ҳолатҳои зиёде ҷой доранд, ки ба ВАО кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ маводи таҳиякардаи хешро пешниҳод мекунанд. Аксаран чунин мавод бе назардошти талаботи рӯзнома, бо услуби баёни хос ба мақомот таҳия шудаанд. Дар рисола бо овардани далелҳо аз маводи рӯзномаи расмӣ ин масъала васеътар баррасӣ шудааст.

Бахши дуюми ин боб **«Масъалаҳои риояи этикаи касбӣ ҳангоми инъикоси ҳаёти шахсони алоҳида дар нашрияҳои ғайриҳукуматӣ»** номгузорӣ шуда, таҳлилу баррасии масъалаҳои эҳтироми ҳаёти инсон, паст задани шаъну шараф ва эътибори шахс,

таҳқир ва туҳмат, эътибори корӣ, эҳтимоли бегуноҳӣ ва ҳаёти кӯдаконро дар нашрияҳои мавриди назар фаро гирифтааст.

Эҳтироми шаъну шараф ва ҳаёти шахсӣ яке аз меъёрҳои ахлоқӣ маҳсуб ёфта, муносибати эҳтиромонаро ба ҳар як шахс, новобаста аз мавқеи ҷамъиятӣ ва мансубияти миллӣ дар назар дорад. Банди 7-уми Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон «Ҳифзи шаъну шараф ва эътибори шахс» ном дошта, дар он чунин омадааст: «Паст задани шаъну шараф ва эътибори шахс бо алфози қабеҳ, калимаю ибораҳои таҳқиромез ва аксу тасвири номуносиб, ҳамчунин туҳмат ва ситоиши нобарҷо хилофи одоби касбии журналист аст»[15]. Омӯзиш нишон дод, ки дар нашрияҳои мавриди таҳқиқ маводи марбут ба унсурҳои таҳқир ва туҳмат, яъне паст задани обрӯю эътибори шахс, ба ҷо наовардани эҳтироми шахс ва дахолат ба ҳаёти шахсӣ ба назар мерасад. Ин ҷиҳати матолиби нашрияҳо дар рисола ба таври возеҳ мавриди тадқиқ қарор гирифтааст.

Омили дигари ҷиддӣ беэҳтиромӣ нисбат ба хонандагон, пешниҳоди маводи бардурӯғ, беэътимод, дар онҳо бедор кардани эҳсоси беасос ё нафрат нисбат ба қаҳрамонҳо, паст задани шарафи хонандагон, ҳамроҳ кардани онҳо ба ҷанҷолу хархаша мебошад. Ҳамаи ин аз сатҳи нокифояи дониши ҳуқуқӣ, риоя накардани меъёрҳои ахлоқи касбии журналистони баъзе нашрияҳо, ки бе далел, ваҷҳ ва асосҳои беэътимод мавод таълиф мекунанд, дарак медиҳад. Дар диссертатсия масъалаи бо ахлоқи касбии журналист вобастабуда – муносибат ба занон дар ҷомеаи тоҷик омӯхта шудааст, ки дар бештари маврид бо эҳсоси пастзанандаи шаъну шараф тавассути истифодаи алфози қабеҳ ва таҳқиркунанда инъикос мешавад. Таҳлили мақолаҳои журналистони касбии матбуоти минтақавӣ нишон дод, ки онҳо нисбат ба меъёрҳои этикаи касбӣ беэътиноӣ зоҳир мекунанд. Масалан, мақолаи Н. Суннатӣ, ки дар нашрияи “Неруи сухан” зери гӯшаи “Мулоҳиза”, таҳти унвони “Юлдуз - ситораи Суғд” ба нашр расидааст, рӯзноманигор андешаи худро тавассути алфози таҳқиркунанда ва кинояомез изҳор кардааст.

Дар диссертатсия масъалаи риоя нашудани этикаи касбӣ зимни инъикоси ҳаёти кӯдакон дар нашрияҳои мазкур низ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтааст. Таҳқиқ нишон дод, ки нисбат ба дигар рӯзномаҳо ҳафтаномаи “Сухани халқ” ба риояи ҳуқуқҳои кӯдакон, ноболиғон ва наврасон камтар диққат медиҳад. Дар соли 2007 доир ба матолиби марбут ба ҳаёти кӯдакон дар ин рӯзнома 13 мавод дарҷ шудааст, ки дар он доир ба гузоришҳои барангезанда ва таҷовузу хушунат сухан рафта, шахсияти ноболиғон ва

ҷабрдидагон ошкор карда шудаанд, ки меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ вайрон гардидааст.

Аз натиҷаи таҳқиқ маълум шуд, ки вобаста ба масъалаи дахолат ба ҳаёти шахсӣ, поймол шудани шаъну шараф ва паст задани эътибори корӣ беш аз ҳама нашрияҳои ғайриҳукуматии "Вароруд", "Ҳамсояҳо", "Суғд", "Нилуфар", аз ҷумла, нашрияи расмии "Ҳақиқати Суғд" ва ҳизбии "Сухани халқ" мавод таҳия карда, дар нашрияи "Тирози ҷаҳон" ба ин масъала камтар таваҷҷуҳ шудааст. Дар диссертатсия маводи солҳои 2009-2010-уми ин нашрияҳо ба таври муфассал бо зикри далелҳо тадқиқу таҳлил шудааст. Маълум шуд, ки дар ин мавзӯъ дар нашрияҳои "Вароруд" 58 ва "Ҳақиқати Суғд" 42 мавод ба табъ расидааст.

Тадқиқот нишон дод, ки дар матбуоти даврии вилояти Суғд бо вуҷуди ба назар расидани баъзе нуқсону камбудиҳо дар дастрасии иттилоот ва инъикоси он, дар маҷмӯъ, меъёрҳои этикӣ ва ахлоқӣ журналистӣ то андозае риоя шудааст.

Дар **хотимаи** диссертатсия хулосаҳои муҳимтарини тадқиқоти анҷомёфта ба таври мухтасар зикр гардиданд. Аз ҷумла:

1. Омӯзиш ва мавриди истифода қарор додани меъёрҳои ахлоқӣ ва этикаи касбӣ дар таърихи афкори сиёсӣ ва иҷтимоии халқи тоҷик собиқаи тӯлонӣ дорад. Он бо шаклу шеваҳои ба замонҳои гуногун муносиб қабул ва риоя гардидааст. Заминаҳои таҳқиқи илмии ин масъала дар асрҳои XVIII-XIX ташаккул ва густариш ёфтааст. Масъалаи мазкур дар кишвари мо аз нимаи дувуми асри XX ҳамчун предмети илмӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар ин самт пажӯҳишҳои дар солҳои охири ҳукуматдории шӯравӣ ба вуҷуд омада, ба омӯзиши ин мавзӯъ замина гузоштанд. Азбаски дар замони шӯравӣ ҳизби коммунистӣ назорати қатъии сензуравиро ҷорӣ намуда буд, ба қабули меъёри ахлоқӣ дар ВАО зарурат набуд;

